## ҚАРОРИ

мачлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 14-уми сентябри соли 2023 шаҳри Душанбе

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, тақризи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур - Исломов Ғафур Ҳокимович; тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; баромади муқарризи расмӣ Ашуров Ихтиёр Саидович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, тақризи муқарризи расмӣ Абдураҳимов Абдуғаффор Абдувоситович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров; инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: профессорон, доктори илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов А.Б., доктори илмҳои иқтисодӣ Насиров Р., доктори илмҳои иқтисодӣ Раҷабов Р.К., доктори илмҳои иқтисодӣ Шарифов З.Р. дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамияти натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионӣ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Шарифзода Намозали Субҳиддин дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.